**TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE**

**Course: Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

**Week: 14.**

# MECHANISM FOR IMPROVING HUMAN CAPITAL IN AN INNOVATIVE ECONOMY

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Mechanism for improving human capital in an innovative economy

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 14

## МЕХАНИЗМИ ТАКМИЛДИҲИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1. Муқаддима**

14.1. Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

14.2. Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

14.3. Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

**2. Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

# Мақсади лексия:

Механизм, механизми рушд, иқтисодиёти инноватсионӣ, хусусиятҳо, рушди сармояи инсонӣ, принсипҳои асосии таъсиррасон, рушди сармояи инсонӣ ва афзалиятҳои он, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, механизми такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси миллии маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагонии маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки санаи 28 декабри соли 2023 ироа гардида буд, қайд намуданд, ки «Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндарача дорад.

Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои ичтимоӣ мебошад.

Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати чомеа ба ҳисоб меравад». Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии маҷлиси олӣ ва Маҷлиси намояндагон[1].

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии маҷлиси олӣ ва Маҷлиси намояндагон.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Қайд намудан, зарур аст, ки агар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба пешравии илмӣ ва рушди сармояи инсонӣ аҳамият аввалиндараҷа надиҳад ва дар ин замина маблағҳои лозимаро барои рушди сармояи инсонӣ ҷалб накунад, аз кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ба таври зарурӣ ақиб мемонад. Ҳукумати мамлакат вазифадор кардааст, ки барои ташаккули механизми рушди сармояи инсонӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос МТОК чораҳои зарурӣ андешанд.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани дараҷаи зиндагии аҳолӣ, навсозии низоми иқтисодӣ, инфраструктура ба шумор меравад. Дар робита ба ин, омӯзиш ва таҳқиқи механизми рушди сармояи инсонӣ, муайян намудани хусусиятҳои асосии идоракунии он муҳим аст. Дар шароити муосир иқтидори инсонӣ доираи васеи хусусиятҳо ва қобилиятҳои аҳолии қобили меҳнатро ифода менамояд:

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

- саломатӣ;
- иқтидори ҷисмонӣ;
- шуури умумии ҷамъият;
- маҳорати касбӣ,
- малака
- талабот ва қобилияти меҳнатӣ;
- ҳавасмандии ягона ба шумор меравад.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Инчунин метавон тавсифи васеътари сармояи инсониро шарҳ диҳем:

- сармояи иҷтимоӣ (қобилияти умумии меҳнатии аҳолии маъюб); сармояи потенсиали меҳнатӣ (қобилияти умумии меҳнати аҳолӣ ва қобили ғайри меҳнати аҳолӣ);
- сармояи бевоситаи инсонӣ (қувваи кории кормандон - маҷмӯи қобилиятҳои касбии субъектҳое, ки барои мақсадҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок истифода мегарданд, барои гирифтани фоида, даромад рушд менамоянд).

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Қайд намудан зарур аст, ки сармояи инсониро метавон дар ду сатҳ ҷудо намуд - «истеъмолкунанда» (иқтидори истеъмолии шахси меҳнатӣ) ва «воқеӣ» (дар фаъолияти нерӯи ҷисмонӣ, маънавӣ ва касбии шахс). Ҳар як фард, инчунин маҷмӯи одамон, дорои хусусияти миқдорӣ, сифатии сармояи инсонӣ мебошанд. Сармояи инсонӣ, дар маҷмӯъ омили ноил шудан ба мақсадҳои инноватсионии иҷтимоию иқтисодӣ дар соҳаҳои истеҳсол, мубодила, тақсим ва истеъмол фаҳмида мешавад.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Қобилиятҳои иқтидории шахси қобили меҳнат тавассути муносибатҳои ҷамъиятӣ, истифодаи фаъолноки меҳнат бо мақсади ноил гардидан ба навовариҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои иқтисодию эҷодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ё неъматҳои ҷамъияти, табдил меёбанд. Ҳамчунин, инсон барандаи сармояи инсонӣ на танҳо барандаи қобилият дар ҳама гуна фаъолияти меҳнатӣ, балки иштирокчии равандҳои иҷтимоию иқтисодие мебошад, ки бо ташаккули қобилиятҳои инсонӣ, талаботи эҷодии ӯ ва имкониятҳо, ҷорӣ намудани таҷрибаи навоварии истифодаи иқтисодӣ, ба даст овардани фоидаи иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла дар шакли даромад, афзоиши касб, қонеъ гардондани талаботи эҷодӣ фаҳмида мешавад.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Нишондиҳандаҳои сифати рушди сармояи инсонӣ аз самаранокии механизми он вобаста мебошад.

«Механизм» ҳамчун низом, дар сатҳи байнисоҳавӣ дастгоҳе баррасӣ мегардад, ки тартиби татбиқи раванд ё амали муайянро ифода мекунад.

«Механизм як навъи махсуси низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор рафта, танзим, таъмин, ё дигар раванди рушдро таъмин мекунад».

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Ба маънои васеъ «механизм» субъектҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодие, ки намуди муайяни фаъолиятро амалӣ мекунанд ва институтҳои муайяни иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегиранд, ки шароити мушаххаси иҷтимоию иқтисодии ин фаъолият, натиҷаҳои онро, ҳамчун эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, ки қонеъ гардондани кори механизм ба он нигаронида шудааст, дар бар мегирад.

Механизм дар мамлакатҳои ҷаҳон ба таври гуногун фарқ мекунанд. Дар баробари ин, хусусиятҳо ва тавсияҳои назаррасе умумӣ мавҷуданд.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Дар шароити иқтисодӣ бозорӣ механизм ҳамчун алгоритми мунтазами навшавандаи амалҳои муайян, ба таври қатъӣ санҷидашуда ва асоснок баррасӣ гардида ва таъмин намудани ҳалли самарабахши мақсадҳои тактикию стратегии азхудкунии объектҳо пурра ва сари вакт равона гардидааст. Қобили қайд аст, ки барои ба назар гирифтани хусусиятҳо мақсаду вазифаҳо, объект ва манфиатҳои ҳамаи иштироккунандагон зарур аст.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Механизми рушди сармояи инсонӣ маҷмӯи унсурҳои системаи таъсири идоракунӣ мебошад, ки инкишоф ва рушди ҷамъоварии шаклҳои гуногуни он фаҳмида мешавад. Дар асоси ин равиш, фаъолияти механизми рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудааст, ки андӯхтани сармояи иқтисодӣ тавассути навоварӣ.

Аз ин рӯ, навоварӣ ҷузъи асосии ин механизм башумор меравад.

Дар ин замина инноватсия ҳамчун раванди ташаккул ва табдил додани донишҳо, ғояҳо ва ихтирооти нав фаҳмида мешавад.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Нововари як раванди иҷтимоӣ, техникӣ ва ҳамзамон иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи он донишҳо, ғояҳо, ҷараёни иттилоот ва ихтирооти нав ба вуҷуд меоянд ва ё дар амал истифода мешаванд. Барои ба вуҷуд овардани беҳтарин «маҳсулот ва технологияҳое ки аз ҷиҳати хусуиятҳои худ беҳтаринанд ва агар навоварӣ ба самти самаранокии иқтисодиёт нигаронида шуда бошад, дар бозор пайдо шудани даромади иловагӣ оварда метавонад».

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Равиш ба моҳияти инноватсия ҳамчун тағирёбии низоми сармояи инсонӣ асоснок гардида, зеро ҳар як навоварӣ тағйироти кулиеро дар низоме, ки дар он ҷо татбиқ мешавад, пешбинӣ менамояд. Аз ин рӯ, навовариҳоеро, ки рушди сармояи инсониро муайян мекунанд, метавонад бо натиҷаҳои истифодаи касбии зеҳнӣ ва таълимии қувваи кормандон, дар раванди бозеҳсозии васеъи сармояи инсонӣ муайян карда шаванд. Навовариҳое, ки сармояи инсониро рушд медиҳад, инноватсияе мебошанд, ки шаклҳои гуногуни сармояи инсониро муайян мекунанд. Қайд намудан зарур аст, ки он лоиҳаҳое, ки ба тағйироти кулии шаклҳои гуногуни сармояи инсонӣ нигаронида шудаанд, рушди инноватсионӣ номида мешаванд.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Механизми рушди сармояи инсониро метавон шартан дар шакли усулҳои андешидашуда муаррифӣ намуд, усулҳо ва чораҳои зарурӣ барои сари вақт ва аз ҷиҳати иқтисодӣ зарурӣ васеъ намудани такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар шаклҳои эҳтимолӣ ва воқеан ҷалбшуда нигаронида шудаанд.

Дар баробари ин, қайд намудан зарур аст, ки рушди сармояи инсониро метавон ба маънои кутоҳ ҳамчун натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ дар доираи низоми илму маориф ва меҳнат баррасӣ намуд.

# Мафҳум ва моҳияти механизми сармояи инсонӣ

Механизми рушди сармояи инсонӣ ба татбиқи тағйироти прогрессивӣ дар низоми нерӯи зеҳнӣ ва таълимии шахси меҳнатӣ, андӯхтани сармояи инсонӣ ва касбӣ нигаронида шудааст.

# Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

Барои рушди сармояи инсонӣ амалисозии хусусиятҳои муайян зарур аст:

Якум, ҳангоми баррасӣ намудани навъҳои гуногуни маҳсулоти инноватсионӣ худи интеллект вазифаи воситаҳои «ғайримоддӣ»-и меҳнати фикриро иҷро менамояд. Дар шароити муосир, вақте ки донишҳои нав ташаккул ва рушд менамоянд, ҷузъҳои худи зеҳн воқеан ба амал меоянд, дар ин ҷо танҳо иттилооте буда метавонад, ки қисми раванди омӯхташаванда буда, иттилооти навро дар бар мегирад.

# Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

Вобаста ба вазифаҳои супурдашуда маълумот ба ин ё он қисми тафаккури инсон дохил шуда, ба фаъолияти интеллектуалии истеҳсолӣ дохил шуда метавонад. Ҳамаи натиҷаҳои минбаъда аз сатҳи ҷамъшудаи зеҳнии шахс вобастаанд.

Дуюм, яке аз омили муҳимтарини ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав, меҳнати фикрӣ инсон дар шароити мусоид мебошад.

# Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

Барои бавуҷуд овардани маҳсулотҳои нав ва баланд бардоштани сармояи инсонӣ ҷамиятро зарур аст, ба корманд тамоми шароитҳои зурурӣро фароҳам оварад, то ки корманд танҳо барои рушди сармояи инсонӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои нав қувваи фикрии хешро сарф намояд. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошта шуда, ҷиҳатҳои ахлоқи кормандонро низ ба назар гирифтан лозим аст, муҳити солим, технологияҳои нав, шароити корӣ, некхоҳӣ, эҳтироми ҳамдигар ва ҷалби мутахассисони навовар.

# Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

Сеюм, ҳамчун натиҷаи аввалиндараҷа барои бавуҷуд овардани маҳсулотҳои инноватсионӣ дониш ва иттилооти навро донистан зарур аст. Натиҷаи дуюмдараҷа ин рушд додани малакаву маҳорати интелектуали ҳар як коркун пеш аз ҳама баргузор намудани такмили ихтисоси коргарон ва аз худ намудани донишҳои замонавӣ, муҳаё намудани шароити мусоиди корӣ ва истифодаи васеъ аз технологияҳои нави замонави дар байни коркунон бевосита алоқаманд аст.

# Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

Қайд намудан зарур аст, ки фаъолияте, ки барои ба даст овардани навовариҳои гуногун ва татбиқи минбаъдаи онҳо дар низоми истеҳсолот, тақсимот, мубодила, истеъмол истифода мешаванд, ҳамчун чараёни инкишофи инноватсионии сармояи инсонӣ муайян карда мешавад.

Натиҷаҳои фаъолияти инноватсионии инсон як қатор нишондиҳандаҳои микро ва макроро бавуҷуд меорад:

# Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

- баланд бардоштани самаранокии ҷараёнҳои қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ дар натиҷаи мунтазам нав кардани ҳама намуди молҳое, ки дар ҷамъият ба вуҷуд меоянд;
- афзоиши динамикаи иқтисодиёти ҷамъият, минтақа ва ташкилоти алоҳида;

Бояд қайд намуд, ки хусусияти хоси фаъолияти инноватсионӣ дар он аст, ки маҳсули ниҳоии он на танҳо донишҳои нав балки донишест, ки метавонад дар паҳнкунии иҷтимоии он ба сармоя табдил ёбад.

# Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

Донише, ки дар технологияҳо таҷассум меёбад, самаранокӣ ва арзиши онҳоро зиёд мекунад ва даромад аз сармоягузорӣ ба онҳо ё дар шакли нархҳои баландтарин ва пардохтҳои иҷора ё дар шакли афзоиши фоидае, ки дар натиҷаи баланд бардоштани ҳосилнокӣ ба даст меояд, фаҳмида мешавад.

Донише, ки дар одамон таҷассум ёфтааст, маҳсулнокии онҳоро зиёд мекунад ва фоидаи сармоягузорӣ ба онҳо дар шакли фарқияти музди меҳнат зоҳир мешавад.

# Хусусиятҳои хоси такмилдиҳии сармояи инсонӣ

Сармояи инсони маҳсулнокӣ ва аз ин рӯ даромади ояндаи шахсро зиёд менамояд. Ҳар як чараёнҳои инноватсионӣ боиси як қатор натичаҳои самарабахши иқтисодӣ ва ичтимоии мегардад.

Навовариҳои ичтимоӣ раванди умумии такмили мунтазами соҳаҳои таълимӣ ва башардӯстонаи чомеа ва ташкилотҳои алоҳидаи хочагидорӣ фаҳмида мешавад.

Истифодаи чунин навовариҳо боиси чамъшавии сармояи инсонӣ гардида, имкониятҳои бозори меҳнатро васеъ намуда, фаъолони қобили меҳнатро барои баланд бардоштани самаранокии кор алоқаманд менамояд.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем унсурҳои таркибии механизми рушди сармояи инсониро ҷудо намоем:

Унсури якум тадқиқоти бунёдии илмӣ пайдоиши рушди инноватсионии инсонро муайян менамояд. Дар марҳилаи аввали рушди инноватсионӣ донишҳои нав таҳия гардида ба низом дароварда мешаванд, баъдан ин донишҳо ба маҳсулоти иттилоотӣ табдил меёбанд, ки аҳамияти иқтисодӣ дошта метавонад дар истеҳсоли маҳсулот, навсозии инноватсионии хизматрасонӣ, инчунин дар истеҳсолоти таълимии сармояи инсонӣ истифода шавад.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Унсури дуюм татбиқи тадқиқоти илмии амалӣ барои ташаккули инноватсия тавассути ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси донишҳои бунёдӣ ва истеҳсолӣ, ки ҳам дар соҳаи маърифатӣ ва ҳам дар соҳаи тадқиқоти амалӣ ба даст оварда шудаанд, муайян карда мешавад. Дар ин марҳилаи тадқиқот навоваронае ба вуҷуд оварда мешавад, ки такмили воситаҳои мавҷудаи техникӣ, низоми таълим, неруи инсонӣ, технологияи истеҳсолоти моддию маънавӣ, ашёи хомро таъмин мекунанд.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Унсури сеюми раванди инноватсионӣ асосан тавассути таҳияи лоиҳаҳо (тадқиқоти илмӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, эҷодӣ, озмоиш ва ислоҳи коркарди қаблан пешниҳодшуда), инчунин тадқиқоти истеҳсолӣ амалӣ карда мешавад.

Дар шароити муосир амалияи тадқиқотӣ зуҳуроти дутарафаро доро мебошад:

Якум, тадқиқоти истеҳсолӣ ва амалӣ мебошад, ки дар марҳалаи азхудкунии истеҳсолот ва дар ҷараёни истеҳсоли оммавии маҳсулот ба амал баровarda мешавад.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Дуюм, тадқиқоти амалие, ки аз ҷониби сохторҳои низоми маориф дар марҳилаи татбиқи таълимӣ барои омодасозии касбии мутахассисон ва рушди сармояи инсонии онҳо амалӣ карда мешавад. Мутахассисони дорои малака ва маҳорати баланди касбӣ метавонанд ин донишҳоро барои азхудкунии донишҷӯён, ва ба онҳо фароҳам овардани шароит барои истифодаи дониш равона намоянд.

## Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Унсури чоруми раванди рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ, истифодаи донишҳои навро дар соҳаи истеъмолот муайян мекунад. Одатан, ду самти татбиқи ин марҳиларо метавон ҷудо кард:

- ҳаракати маҳсулоти моддӣ ё маънавӣ аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунандаи бевосита ва истифодаи маҳсулоти нав аз ҷониби истеъмолкунанда;
- ҳаракати хатмкардаи муассисаҳои таълимӣ ба корфармо ва дар шакли сармояи инсонӣ ҷамъ овари намудани қобилияти корӣ.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Баррасӣ намудани унсурҳои механизми рушди инноватсионӣ марҳалаҳои рушди инноватсионии сармояи инсонӣ бо фаъолияти унсурҳо ва таркиби ин механизм вобастагии мутақобиларо доро мебошад.

Ҳар як марҳилаи рушди зеҳнӣ ва таълимӣ (инноватсионии) сармояи инсонӣ инъикоси фаъолияти унсурҳои механизми инноватсиони мебошад.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Маҳз сохторҳои илмӣ дар ташаккули коркардҳои конструкторӣ, стратегияҳои рушди истеҳсолот, барномаҳои ҳадафманд ва истифодаи таълимии донишҳои навро бо мақсади таъмин ва баланд бардоштани қобилияти зеҳнӣ, таълимӣ ва тахассусии коргарон муайян намоянд ва саҳми арзишманди хешро гузоранд.

Барои истеҳсол намудани маҳсулот бо технологияҳои пешқадам коргаронро зарур меояд, ки истифодабарӣ ва дуруст доштани маълумотҳои дақиқро доро бошанд, зеро молҳоеро истеҳсол намоянд, ки тавонанд дар бозори дохили ва хориҷӣ рақобатпазир бошанд.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Зеро истифодаи дурусти технолгияҳои нав ба истеҳсоли маҳсулот таъсири амиқ гузошта, маҳсулотҳои рақобатпазиро пешниҳод менамояд. Баланд бардоштани низоми истеҳсолоти таълимӣ рушди инноватсионии технологияҳои таълимӣ ва маърифатии сармояи инсониро таъмин менамояд.

Марҳилаи ҷамъбасти татбиқи инноватсия истифодаи маҳсулоти навро дар соҳаи истеъмол муайян мекунад. Самти муҳими дигари рушд ин афзоиши самаранокии иқтисодӣ аз сармояи инсонии истифода намудани кормандон дар намуди даромади давлат, ташкилотҳо инчунин беҳтар намудани сатҳи некаҳволӣ ва коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар ҷомеа асос меёбад.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Ҳамин тариқ, унсурҳои механизми рушди инноватсиониро метавон қайд намуд, ки ҳар як марҳилаи таҷдиди интеллектуалӣ ва таълимии сармояи инсонӣ инъикоси раванди пайдоиш, ташаккул, таҳияи тарҳрезӣ, такмили истеҳсолот ва истифодаи таълимӣ бо максади таъмини баланд бардоштани қобилияти тахассусии зеҳнию тарбиявии мехнат баррасӣ гардидааст.

Муҳимтарин хусусиятҳои фарққунандаи рушди инноватсионии инсониро ҷудо намоед:

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

- рушди инноватсиони ҳамчун воситаи ноил шудан ба ҳадафҳо;
- механизми инноватсионии рушди сармояи инсонӣ;
- хусусияти ҳадафҳо ва вазифаҳои инноватсиони;
- муносибати муназзам ба истеҳсолоти инноватсионӣ;
- мавҷудияти технологияҳои махсуси идоракунӣ.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

«Механизм» ин фароҳам овардани шароит, замина ва ба даст овардани инноватсия ва татбиқи минбаъдаи онҳоро дар системаҳои истеҳсолӣ ва ҷамъоварии иқтисодии сармояи инсонӣ муайян менамояд, механизми рушди инноватсионии сармояи инсонӣ номидан мумкин аст.

Механизми рушди сармояи инсонӣ шакли ташкилию иқтисодии амалисозии фаъолияти инноватсионие мебошад, ки ба рушди сармояи инсонӣ равона гардидааст.

## Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Механизми мазкур бояд таъминоти инноватсионию функсионалии ҷуброни самараноки фарсудашавии сармояи инсонии ҷамъшударо ташкил намуда, вобастагии рушди сармояи инсониро бо марҳилаҳои давраи ҳаёти он таъмин намояд.

Фаъолияти навсозии сармояи инсонӣ, сармоягузорӣ ва дастгирии молиявии раванди ташаккули қобилиятҳои меҳнатӣ мебошад. Дастгирии инноватсионӣ бояд на танҳо истеҳсоли донишҳои нав, балки коркард ва такмили инноватсиониеро, ки ба талаботи системаҳои иқтисодии ҷомеа ҷавобгӯ мебошанд, низ муайян намуда истифодаи дурусти онро бароҳ монад.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Рушди сармояи инсонӣ зарурати ҳалли масъалаҳои ноил шудан ба пастшавии самараноки фарсудашавии сармояи инсониро муайян намудааст. На танҳо паст гардидани аҳамияти иқтисодии дониши касбии коргарро муайян мекунад, балки ба кам шудани арзиши сармояи инсонӣ аз ҳисоби пешрафти технология ва пайдоиши донишҳои нав, чараёни иттилоот, ки дар низмоми такрористеҳсоли ҷамъият иштирок мекунанд, инчунин аз ҳисоби афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои илму маориф, ки сармояи инсониро мусоидат мекунад, ташкил медиханд.

## Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Механизми фаъолияти иқтисодӣ ва ташкилии сармояи инсонӣ маҷмӯи тадбирҳо ва равишҳоеро дар бар мегирад, ки ба инкишоф, истифодабарии самарабахш ва афзун намудани дониш, малака, таҷриба ва дигар қобилиятҳои одамон нигаронида шудаанд, ки дар ниҳояти кор ба баланд шудани маҳсулнокӣ ва некуаҳволии онҳо, инчунин рушди иқтисодиёт мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ бо ҳам зич алоқамандаанд ва бояд дар якҷоягӣ амал намоянд, то аз истифодаи сармояи инсонӣ фоида ба даст оварда шавад, ки онро мо дар расми 1 пешниҳод намудем.

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ




**Расми 1. Намудҳои механизми сармояи инсонӣ**

**Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.**

# Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Метавон қайд намуд, ки ба самти ташкилӣ идоракунии захираҳои инсонӣ, ташаккул додани низоми роҳбарӣ ва идоракунӣ, татбиқи низоми баҳодиҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии кор, ташаккул додани фарҳанги корпоративӣ, ки ба омӯзиш ва рушд мусоидат мекунад, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии тафаккури эҷодӣ ва навоварона дохил мегарданд, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошта шуда истифода мешаванд.

## Самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Инчунин, сармояи инсонӣ дар соҳаи иқтисодӣ яке аз омилҳои калидии истеҳсолот ба ҳисоб меравад, ки ба рушди иқтисодӣ, маҳсулнокии меҳнат ва рақобатпазирӣ таъсири амиқ мерасонад.

Ҷанбаҳои иқтисодии механизми сармояи инсонӣ:

а) Сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва илм;

б) Рушди низоми тандурустӣ;

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки новобаста аз он ки муайян кардани таъсири сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодӣ чӣ қадар душвор бошад ҳам, дар байни онҳо робитаи мустақим вуҷуд дорад, ки таҷриба исбот гардидааст.

# ХУЛОСА

Аз ин рӯ, мамлакатҳое, ки мехоҳанд рушди иқтисодии кишварро таъмин намоянд, бояд аз чунин равишҳои иқтисодӣ дуруст истифода намоянд ва барои рушди сармояи инсонӣ пайваста сармоягузориро ба роҳ монанд, то дар оянда ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гарданд.

Ҳамин тариқ, сармояи инсонӣ як захираи арзишманд барои рушди иқтисодиёт мебошад. Ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ, аз давлат ва шахсони алоҳида маблағгузорӣ ва талошҳои доимиро тақозо менамояд.

# Адабиёт:


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023.

2. Рустамзода Ф.М. Рушди сармояи инсонӣ назария ва амалӣ. Душанбе 2025, саҳ 219.

3. Мирзоалиев А.А. Рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ /А.А. Мирзоалиев// Монография. – Душанбе: «Ирфон», 2023. - 354с.